**Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-012 назди**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**
**(734061,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Аҳмадзода Мухтор Аҳмадҷон дар мавзуи «Хусусиятҳои ташкил ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография пешниҳод шудааст**

Рушди босуботи иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар шароити муосир, пеш аз ҳама, ба сифати сиёсати кадрӣ ва самаранокии истифодаи захираҳои инсонӣ вобаста мебошад. Дар раванди ташаккули иқтисоди донишбунёд, рақамикунонии идоракунии давлатӣ ва татбиқи ислоҳоти институтсионалӣ, масъалаҳои вобаста ба ташкил, рушд ва истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ аҳаммияти стратегӣ касб намудаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти илмие, ки ба такмили механизмҳои идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ равона гардидааст, ҷавобгӯи талаботи воқеии рушди давлат ва ҷомеа мебошад.

Дар ҳамин замина, диссертатсияи Аҳмадзода Мухтор Аҳмадҷон таҳти унвони «Хусусиятҳои ташкил ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун таҳқиқоти мукаммали илмӣ арзёбӣ гардида, яке аз масъалаҳои муҳимми иқтисодиёти меҳнат, сиёсати кадрӣ ва идоракунии давлатиро фаро гирифтааст.

Мавзуи интихобшуда бо афзалиятҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан такмили идоракунии давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ, рушди сармояи инсонӣ ва омодасозии кадрҳои рақобатпазир робитаи мустақим дошта, аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ хеле мубрам мебошад.

Аз омӯзиши автореферат бармеояд, ки муаллиф ба масъала аз дидгоҳи муосири иқтисодиёти меҳнат муносибат намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии идоракунии захираҳои инсониро дар ягонагии мантиқӣ таҳлил кардааст. Бо истифода аз адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ ва таҷрибаи мақомоти давлатӣ, заминаи илмии таҳқиқот боэътимод ташаккул дода шудааст.

Ҷиҳати муҳимми таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф мафҳуми захираҳои инсонӣ ва сармояи инсониро на танҳо ҳамчун категорияҳои иқтисодӣ, балки ҳамчун унсурҳои асосии рушди институтҳои давлатӣ арзёбӣ намудааст. Ин равиш имкон додааст, ки нақши захираҳои инсонӣ дар баланд бардоштани

сифати идоракунии давлатӣ аз дидгоҳи иқтисодиёти меҳнат ҳамаҷониба асоснок карда шавад.

Дар кори илмӣ таҳлили амиқи низоми амалкунандаи хизмати давлатӣ, механизми ташаккули сиёсати кадрӣ, фаъолияти мақомоти ваколатдор ва сохторҳои масъули рушди кадрҳо анҷом дода шудааст. Муаллиф вазъи воқеии идоракунии захираҳои инсонӣ дар мақомоти давлатӣ, мушкилоти мавҷуда ва омилҳои маҳдудкунандаи рушди самараноки захираҳои инсониро муайян намуда, роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод кардааст.

Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар таҳияи асосҳои назариявию методологии ташаккули механизми ташкилӣ ва иқтисодии идоракунии захираҳои инсонӣ дар хизмати давлатӣ ифода меёбад. Пешниҳоди муносибатҳои нави методологӣ нисбат ба арзёбии захираҳои инсонӣ, такмили сиёсати кадрӣ, рушди низоми бозомӯзӣ, ҷорӣ намудани усулҳои муосири баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори кадрӣ арзиши назарраси илмӣ доранд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои такмили барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ хизмат намоянд.

Аз нуқтаи назари методологияи таҳқиқот низ кори илмӣ дар сатҳи муносиб иҷро гардидааст. Муаллиф аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ, таҳлили иқтисодӣ, ҷамъбаст, гурӯҳбандӣ, усулҳои оморӣ ва равиши институтсионалӣ самаранок истифода бурдааст, ки эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин менамояд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбати зиёд, баъзе мулоҳизаҳои хусусияти тавсиявӣ низ мавҷуданд.

1. Баъзе пешниҳодҳои муаллиф оид ба рушди захираҳои инсонӣ татбиқи марҳилавӣ ва таъмини иловагии молиявиро тақозо менамоянд. Аз ин рӯ, пешниҳод намудани механизми иқтисодии амалисозии онҳо метавонист арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам баландтар намояд.

Бо вуҷуди ин, эроди мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба мазмун, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Аҳмадзода Мухтор Аҳмадҷон таҳқиқоти мустақили илмии анҷомёфта буда, масъалаҳои муҳимми иқтисодиёти меҳнат ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи баланди илмӣ таҳлил намудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, барои рушди минбаъдаи сиёсати кадрӣ ва такмили фаъолияти мақомоти давлатӣ аҳаммияти назаррас доранд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Аҳмадзода Мухтор Аҳмадҷон ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда: и.в. дотсент, номзади илмҳои иқтисодии МДТ "Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд"**
**Мирзоева М.У.**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 226
Телефон: (+992) 11 148 48 48
E-mail: bonu.6664

Имзои М.У. Мирзоеваро тасдиқ менамоям:

**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати иҷрои МДТ "Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд"**
**Юсупова М.Ш.**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 226
Телефон: 8 34 22 6 04 54
Суроғаи электронӣ: info@polytech.tj
« 05 » 08 соли 2026